# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ - методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ).**

Нахустин чизе, ки диққати моро ба ин пажуҳиши илмӣ ҷалб кард навгонии таҳқиқот мебошад. Дувум, замони муосир тақозо мекунад, ки равандҳои инноватсионии китобхонаҳо мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода шаванд. Ҳамзамон, дар асоси таҳқиқоти баанҷомрасида, шароити илмию маънавӣ муҳайё мегардад, ки китобхонаҳо фаъолияти инноватсионӣ - методии худро ба талаботи замон мувофиқ ба роҳ монанд. Хусусан, имрӯз пурра ба технологияи муосир рӯ овардани китобхонаҳо зарур ва талаби замони муосир мебошад. Аз ин нуқтаи назар низ таҳқиқоти мавриди баррасӣ мубрам мебошад.

Аз муҳтавои автореферати диссертатсияи Зафари Шариф, ки ба таҳқиқу баррасии таъмини инноватсионӣ-методии китобхонаҳо бахшида шудааст, бар меояд, ки муаллиф ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқи мавзуъ ноил шудааст.

Мутолиаи автореферати диссертант нишон дод, ки таҳқиқоти мазкур кори анҷомёфтаи илмӣ буда, навгониҳои зиёд дорад. Сохтору муҳтавои фишурда ба талаботи навиштани автореферати диссертатсияҳои доктор (PhD) посухгӯ буда, он мундариҷаи таҳқиқоти илмиро дар бар гирифтааст. Хулоса ва натиҷаҳои пажуҳиш низ мантиқан дуруст пешниҳод гардидаанд.

Дар автореферат нишон дода шудааст, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб, 6 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Мазмуни диссертатсия дар 172 саҳифаи чопи компютерӣ инъикос ёфтааст. Дар матни диссертатсия 8 ҷадвал, 1 расм ва 5 диаграмма ҷой дода шудааст. Рӯйхати ададбиёт аз 170 номгӯй иборат аст.

Дар бахши муқаддима муаллиф доир ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, алоқамандии таҳқиқ бо барнома ва мавзуи илмӣ, инчунин дар қисми тавсифии умумии кор доир ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекту предмет, асосҳои назариявии он, сарчашма ва навгониҳо, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва аҳаммияти назариву амалии таҳқиқ бо риояи низоми муқарраршуда маълумот додааст.

Боби аввали диссертатсия «Заминаҳои таърихӣ-назариявии рушди китобхонаҳои оммавӣ ва таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти онҳо» унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Муҳаққиқ дар такя ба пажуҳиши олимони хориҷиву ватанӣ масъалаи ба миёнгузоштаро таҳқиқу баррасӣ намудааст. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки таҳлили заминаҳои таърихии ташаккули таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо, аз як тараф, зарурати таҳқиқи амиқи таҷрибаи таърихии таъмини методии фаъолияти китобхонаҳо дар даврони шуравӣ, дарёфти дастовардҳои аз нигоҳи имрӯза ҷолиби марказҳои методӣ ва аз ҷониби дигар, омӯзиши имконияти истифодаи онро дар амалияи муосири китобдории ватанӣ, махсусан, дар фаъолияти китобхонаҳои давлатию

оммавӣ, ки шумораашон дар кишвар нисбат ба дигар китобхонаҳо бештар аст, тақозо мекунад. Чунин таҳқиқот барои ба ҳам пайвастани арзишҳои волои китобдории даврони шуравӣ ва комёбиҳои нави китобдории даврони соҳибистиқлолӣ бағоят муҳим мебошад. Ҳамин тариқ дар дигар фаслҳои боби мазкур масоили бамиёнгузоштащуда хуб таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Боби дуюми диссертатсия "Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ" ном дошта, аз се фасл иборат аст. Муаллиф кӯшидааст, ки консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии ҷумҳуриро ҳамаҷониба таҳқиқ намояд. Дар раванди муайян кардани методологияи таҳқиқ заминаҳои назариявии дарки моҳияти фаъолияти инноватсионӣ-методӣ ва дигаргунсозии амалияи китобхонаҳои давлатию оммавиро диссертант дар асоси навгониҳои китобдорӣ муайян карда, тарзу усулҳо ва принсипҳои таҳқиқи проблема, инчунин роҳҳои ҷорӣ намудани навгониҳои китобдориро нишон додааст. Албатта, муҳаққиқ то андозае тавонистааст, ки ба ҳадафҳои илмии худ ноил гардад. Маҷмуан, боби дуюми диссертатсия низ дорои аҳаммияти хуби илмию амалӣ аст. Пешниҳоди ҷадвалу диаграммаҳо барои дарки беҳтару бештари мухтавои таҳқиқот басо муҳим мебошанд.

Автореферати диссертатсия бо забони хуби илмӣ таълиф гардида, андешаронӣ, сабки баён, таҳлилҳо, хулосаю тавсияҳо бомантиқу мушаххас мебошанд. Мақолаҳои батабърасонидаи муҳаққиқ низ мухтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати илмии довталаби дараҷаи илмӣ шаҳодат медиҳад.

Хулосаи диссертатсия низ ҷолиб аст, муҳаққиқ тавонистааст, ки дар 11 банд муҳимтарин натиҷаҳои бобҳо ва фаслҳои таҳқиқоти худро ба таври муҷаз баррасӣ намояд. Тавсияҳои муҳаққиқ низ мантиқӣ мебошанд.

Мухтавои автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф дар пайдо кардани сарчашмаҳо ҷустуҷӯи зиёд карда, ба таҳқиқоти олимони хориҷӣ низ ошноии наздик дорад ва дар мавридҳои зарурӣ аз онҳо истифодаву иқтибос кардааст.

Ба андешаи инҷониб таҳқиқи масъалаҳои инноватсионӣ, махсусан дар соҳаи китобдорӣ заҳмати зиёдро талаб мекунад. Аз ин ҷиҳат, метавон гуфт, ки муаллиф дар таҳқиқи ин мавзӯъ ба муваффақият ноил гардидааст. Дар маҷмуъ, комёбиҳои муҳаққиқ самараи ҷустуҷӯҳо ва заҳматҳои ӯ буда, имрӯз як мавзуи мубрам ва барои соҳаи китобдории тоҷик зарур мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо мушоҳида мегардад, ки дар оянда бартараф кардани онҳо ба нафъи кори муҳаққиқ аст, аз ҷумла:

1. Ғалатҳои имлоӣ дар автореферат дида мешавад. Масалан, дар саҳифаи 18 "маводди инноватсионӣ" омадааст, ки дар калимаи "маводди" як "д" зиёд аст.
2. Дар автореферат ягон иқтибос ва сарчашма нишон дода нашудааст. Агар сарчашмаҳои муҳим нишон дода мешуданд, беҳтар буд.

Эродҳои зикршуда аҳаммияти дуюмдараҷа доранд ва ба мазмуну мундариҷаи пажуҳиш халали ҷиддӣ ворид намесозанд. Дастовардҳои илмӣ дар таҳқиқот нисбат ба эродҳои боло ба маротиб бештаранд.

Автореферат ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, аз ҷумла дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтавои асосии диссертатсияро фаро мегиранд. Мавзуи интихобнамудаи диссертант ба шиносномаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ) комилан мувофиқат менамояд. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, таҳқиқоти Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ) мебошад.

**Муқарриз,** муовини директори Муассисаи давлатии «Хонаи китоби Тоҷикистон», номзади илмҳои филологӣ. Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович
«23» 04 соли 2025.

Суроға: 734064, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 17, Муассисаи давлатии “Хонаи китоби Тоҷикистон”
Тел.: (+992) 918268092, Факс: (+992837) 2337381
E-mail: bayoni@mail.ru

Имзои Баёнов М.Б. – ро тасдиқ менамоям:
Директори Муассисаи давлатии «Хонаи китоби Тоҷикистон» Нодирзода Сайзароб Сайалӣ
«23» 04 соли 2025.

Суроға: 734064, ш.Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 17, Муассисаи давлатии «Хонаи китоби Тоҷикистон»
Тел.: (+992) 988808687, Факс: (+992837) 2334143
E-mail: info@kh.